# ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ ба рисолаи илмии Давлатшоев Раҳматшо Ҳимматшоевич дар мавзуи «Нақши академик Мулло Эркаев дар инкишофи илм ва маълумоти олии касбии Тоҷикистон (солҳои 40-ум – нимаи аввали солҳои 90-уми асри ХХ)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300 - Таърихи ватанӣ.**

Давлатшоев Р. Ҳ. мавзуи мазкӯрро аз моҳи декабри соли 2018 ҳамчун кори номзадӣ интихоб карда, омӯзиш ва пажуҳишҳои зиёдеро ба анҷом расонидааст.

Академик Мулло Эркаев аз зумраи донишмандоне мебошад, ки дар инкишофу пешрафти фаъолияти сиёсию давлатдорӣ ва таърихнигории замони Шӯравии тоҷик нақши калон гузошта, номи ӯ дар қатори барҷастатарин муаррихони Осиёи Марказӣ бо ҳарфҳои заррин сабт гардидааст.

Академик Мулло Эркаев тамоми илму дониш, ақлу заковат ва малакаю истеъдоди хешро барои рушду пешрафти таърихнигории тоҷик бахшидааст. Ӯ барҷастатарин тимсоли ҷавонмардӣ, роскорӣ, ростқавлӣ, қаҳрамонӣ ва ифтихори миллӣ барои ҳар як фарди тоҷик мебошад. Зиндагиномаи ӯ дарси шуҷоату мардонагӣ барои насли имрӯза ва созандагони фардои ояндаи Ватан мебошад.

Диссертатсияи мазкур аз муқаддима, ду боб, шаш зербоб, хулосаву натиҷаҳо ва рӯйхати сарчашмаҳо ва адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

Мубрам будани мавзӯъ аз он иборат аст, ки диссертант тамоми фаъолияти Мулло Эркаевро аз Донишкадаи маорифи тоҷикии шаҳри Тошканд (1929), факултети таърихи Донишкадаи давлатии омӯзгории ш. Сталинобод ба номи Т. Г. Шевченко (1939, ҳоло ДДОТ ба номи С. Айнӣ), фаъолияти тарғиботчӣ (1941-1949), мудири шуъба, ҷонишини мудири шуъбаи таблиғ ва ташвиқи КМ ҲК (б) Тоҷикистон, котиби Кумитаи ҳизбии вилоятҳои Кулоб ва Сталинобод оид ба таблиғ ва ташвиқ, мудири

кафедраи таърихи ҲКИШ-и Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба номи В. И. Ленин (1950-1975, феълан ДМТ) ва профессори кафедраи таърихи ҲКИШ-и Донишкадаи давлатии омӯзгории ш. Душанбе ба номи Т. Г. Шевченко (1975-1996) мавриди таҳлил қарор додааст.

Дар бобҳои алоҳида докторант Давлатшоев Р. Ҳ. дар асоси сарчашмаҳо, адабиёт, маводи матбуоти даврӣ, хотираҳои ҳамкасбону шогирдон ва хешони академик Мулло Эркаев ибтидои ҳаёт, оғози фаъолияти илмиву омӯзгорӣ, камолоти илмиву педагогӣ, саҳми академик М. Эркаевро дар таҳқиқи таърихи халқи тоҷик, дар назария ва амалияи касби омӯзгорӣ ва омодасозии мутахассисони баландихтисоси илмии соҳаи илми таърих мавриди таҳлилу баррасии қарор додаанд. Муаллиф нақши академик М. Эркаевро дар инкишофи илм ва мактаби олии кишвар инъикос намуда, арзиши асарҳои таълифнамудаи олимро дар илми таърихи ватанӣ (давраи шуравӣ) ва мактаби олӣ муқаррар намудааст.

Навоварии илмии диссертатсия дар он зоҳир мегардад, ки муаллиф мақсад гузоштааст, ки бори нахуст дар илми таърихи ватанӣ дар қолаби як рисолаи илмӣ нақши академик Мулло Эркаевро дар илму маорифи ватанӣ баррасӣ ва дар асоси он бахше аз ҳодисаҳои таърихи халқи тоҷикро мавриди омӯзиш қарор диҳад.

Хулосаҳо ва натиҷаҳои диссертатсия барои таҳияи курсҳои махсус дар факултетҳои гуманитарии донишкадаву донишгоҳҳои Тоҷикистон ва дар ҷараёни тарбияи ҷавонони кунунӣ муфид мебошанд. Инчунин, дар ҷараёни таълифи асари дастаҷамъонаи таърихи маорифи халқи тоҷик ва навиштани дастурҳои методӣ ва ғайра метавон истифода бурд.

Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар он ифода меёбад, ки натиҷаҳои илмии таҳлилу таҳқиқоти муаллиф, аз ҷумла, хулосаҳои назариявӣ, нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда бевосита аз ҷониби худи ӯ мустақилона таҳия, баррасӣ ва пешниҳод гардидаанд. Мазмун ва муҳтавои асосии рисолаи илмӣ дар мақолаву маърӯзаҳои

докторант, аз ҷумла, дар 5 мақолаи илмии дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос ёфтаанд.

Диссертатсияи Давлатшоев Раҳматшо Ҳимматшоевич дар мавзуи «Нақши академик Мулло Эркаев дар инкишофи илм ва маълумоти олии касбии Тоҷикистон (солҳои 40-ум – нимаи аввали солҳои 90-уми асри XX)» ба талаботи муқаррарнамудаи Низомномаи КОА – и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба рисолаҳои номзадӣ ва докторӣ мувофиқ буда, муаллифи рисола ба гирифтани дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300 - Таърихи ватанӣ арзанда мебошад.

**Роҳбари рисолаи илмӣ:**
**номзади илмҳои таърих,**
**дотсенти кафедраи таърихи**
**нав ва навини кишварҳои**
**хориҷии факултети таърихи ДМТ** **Мунавваров М.**

**Имзои Мунавваров М. – ро тасдиқ мекунам:**
**Сардори раёсати кадрҳо ва**
**корҳои махсуси ДМТ** **Тавқиев Э. Ш.**

7. 06. 2022

**Суроға:**
734025 Ҷумҳурии Тоҷикистон,ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17,
тел.: (+992-37) 227-15-10, E-mail: info@tnu.tj).